«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори ДМТ, профессор
________ Насриддинзода Э.С.
«25» 05 2024 сол

Хулосаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Элчибекова Баҳригул Идибековна дар мавзуи «Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ» дар кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба анҷом расидааст.

Кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ диссертатсияи Элчибекова Баҳригул Идибековнаро дар мавзуи "Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03-Таърихи фалсафа дар кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро гардидааст, дар маҷлиси ҳамин кафедра муҳокима шуда, баи ҳимоя пешниҳод гардидааст. Дар асоси баромади диссертант муқарризони расмии таиншуда аз ҷониби кафедра ва саволу ҷавоби диссератант бо иштироккунандагони маҷлис, хулосаи зеринро қабул намуд:

Диссертатсияи илмӣ кори комилу анҷомёфта буда, дорои арзиши баланд, аҳамияти назариявӣ-амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф пажуҳиши пурдомана ва муфассалеро анҷом додааст, ки дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардидааст.

Дар рафти таҳқиқоти илмӣ, унвонҷӯ аз усул ва равишҳои маъмулии илмҳои фалсафӣ истифода намуда, масъалаи инсонро дар таълимоти Фахриддини Розӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст. Аз ҷумла, муҳиммияти мавзуи таҳқиқот барои соҳаи таърихи фалсафа, инсоншиносӣ ва ҷомеаи муосир дар сатҳи хеле хуб таҳия ва бо далелҳои муътамад асоснок карда шудааст. Ба андешаҳои зерини муаллифи диссерататсия комилан рози шудан мумкин аст, ки таълимоти инсоншиносии Фахриддини Розӣ дорои аҳамияти фалсафӣ буда, дар ҳаёти маънавӣ, фарҳангӣ ва динии ҷомеаҳои мусалмонӣ, ба хусус Тоҷикистон мавқеъ ва таъсири шоистаро сазовор аст, зеро таълимоти ин мутафаккир то ба имрӯз ҳамчун намунаи беҳтарини афкори ақлгароёнаи каломи фалсафӣ, ахлоқӣ-зебоишиносӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва мантиқӣ хизмат намуда истодааст. Бо вуҷуди ин аксари ҷанбаҳои таълимоти ӯ, махсусан, андешаҳои инсоншиносӣ,

мантиқӣ, ахлоқӣ-зебоишиносӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва психологии ӯ ба ҳадди зарурӣ таҳқиқ ва коркард нашудаанд. Ҳамин тариқ, омӯзиш ва таҳқиқи осори Фахриддини Розӣ аз аҳаммият холӣ набуда, омӯзиш ва таҳқиқи онҳо дар коркарди аксари проблемаҳои фалсафӣ, ба хусус фалсафаи муосир мусоидат менамоянд. Аз сӯи дигар, ин таҳқиқот на танҳо аҳамияти илмӣ – методологӣ, балки аҳамияти бузурги амалиро низ доро мебошад, ки ин ҷаҳонбинӣ он муҳиммияти таҳқиқоти диссертатсиониро боз ҳам зиёдтар менамояд. Ин ва дигар далелҳои пешниҳоднамудаи диссератант дар мавриди асосноккунии мавзуи таҳқиқотии худ асоси илмӣ дошта, гувоҳ аз огоҳии унвонҷӯ аз мазмун ва моҳияти кори илмӣ медиҳанд. Бо итминон гуфтан мумкин аст, ки дар асоси пажуҳишҳои муҳққиқони соҳаи таърихи фалсафа, антропология ва ахлоқ мубрамияти таҳқиқи масъалаи мазкур, асоснок карда шудааст.

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ низ дар сатҳи зарурӣ коркард шудааст. Истифодаи адабиёти зиёд, аз ҷумла сарчашмаҳо, асарҳои худи мутафаккир ва ҳамзамононаш, инчунин истифодаи осори таҳқиқотӣ аз ҷониби муаллифи диссертатсия баёнгари он мебошанд, ки унвонҷӯ бо онҳо шиносӣ дошта, дар раванди таҳқиқ ба таври васеъ истифода кардааст. Ҳамзамон, диссертант бо маҳорати хос тавонистааст, ки адабиёти таҳқиқотиро вобаста ба мавзуъ таҳқиқ ва ҷанбаи таҳқиқталаб будани онҳо мушаххас намояд.

Муваффақияти диссертант дар он аст, ки объекти таҳқиқоти худро мушаххас намуда, предмети таҳқиқро дар ҳамоҳангӣ бо объект ва мавзуи рисола таҳия кардааст. Дар мавриди навгонии илмии пешниҳоднамудаи муаллифи диссерататсия ҳаминро бояд қайд кард, ки аксарияти онҳо асоснок мебошанд. Аз ҷумла, бори нахустин дар таърихи фалсафаи тоҷик таҳқиқи илмии моҳияти таълимоти инсоншиносии Фахриддини Розӣ ҳамчун қисми таркибии таълимоти фалсафӣ, анҷом гардидааст:

- проблемаҳои марказии пайдоиш ва моҳияти инсон дар контексти ҷаҳонбинии мутафаккир мушаххас гардидааст;

- ҷанбаҳои муҳими таълимоти антропологии мутафаккир, нишон дода шудаанд;

- асли маънавӣ-ахлоқии таълимоти “инсони комил”, асоснок шудааст;

- таҳлили илмии ратсионализми Фахриддини Розӣ доир ба инсон ва мухолифати он ба таассуби динӣ, анҷом гардидааст;

- масъали “инсони комил” дар осори Фахриддини Розӣ ва муқоисаи назариявии ӯ бо назарияи аҳли тасаввуф дар бораи “инсони комол”, таҳқиқ шудааст;

- баррасии илмии далелҳои Фахриддини Розӣ бар зидди фатализми Ғаззолӣ, ҳимояи аҳли фалсафа ва ба каломи исломӣ ҷанбаи ақлонӣ бахшини ӯ, нишон дода шудааст.

Пойгоҳи методологии диссерататсия ба талабот ҷавобгӯ буда, усулҳои умумиилмӣ ва умумимантиқӣ ба маврид мебошад. Диссертант зимни таҳия ва банду басти диссерататсия методологияи илмиро риоя намудааст, ки он аз муваффақиятҳои муаллиф дарак медиҳад. Ҳамчунин, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар мантиқи муҳокимаю хулосабарориҳо, пайдарҳамии фикру андеша ва равшану возеҳии онҳо буда, истифодаи методҳои илмии истифодашуда бо таҳқиқоти таърихи фалсафа ва инсоншиносӣ, ифода меёбад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар раванди иҷтимоии кор возеҳ мебошад. Мустақилияти фикрии унвонҷӯ зимни таҳлили муқоисавӣ ва баровардани хулосаҳо ба назар мерасад. Дар раванди пажуҳиши мавзуъ диссератант дар асоси такя ба сарчашмаҳои муътамад, осори Фахриддини Розӣ ва адабиёти таҳқиқотӣ муваффақ гаштааст, ки заминаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ-фарҳангии таълимоти антропологии мутафаккирро ошкор намуда, сипас ба баррасии масъалаҳои асосии мавриди таҳқиқ, пардозад. Натиҷаҳои бадастовардаи назариявӣ, хулосаҳо, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бевосита, дастоварди илмии муаллиф, ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, мақолаҳои илмии нашргардида маърӯза ва гузоришҳои муаллиф дар конференсияҳои илмӣ ва семинарҳои илмӣ-назариявии гуногунсатҳ салоҳияти ӯро нисбат ба масъалаи баррасишаванда дар диссертатсия, тасдиқ менамоянд.

Эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии Элчибекова Б.И. бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ мувофиқати усулҳои таҳқиқот бо ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда, манбаҳо ва маъхазҳои ҷамъовардашудаю коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот бо тасдиқи муқарраротиилмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар диссерататсия мавҷуданд, инчунин мақолаҳои чопшуда тасдиқ карда мешаванд.

Натиҷаю хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссерататсия низ мувофиқи талабот буда, онҳоро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, ахлоқ-зебоишиносӣ, инсоншиносӣ, инчунин, ҳангоми таҳияи намудани маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба масъалаи инсон дар таърихи фалсафаи тоҷик-форс ба таври васеъ истифода намуд. Илова бар ин дастовардҳои таҳқиқшудаи диссертатсияро метавон ҳангоми хондани

курсҳои махсус ва тадриси фанни таърихи фалсафа ва антропология низ истифода намудан мумкин аст.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он ҳамоҳанг карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Элчибекова Баҳригул Идибековна дар мавзуи «Масъалаи инсон дар таълимоти Фахриддини Розӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботҳои пешниҳодгардида ҷавоб дода метавонад ва барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа қабул гардид. Дар ҷаласа иштирок карданд 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи Элчибекова Баҳригул Идибековна ба тариқи зайл сурат гирифт:

Тарафдор - 14 нафар; зид - нест, бетараф нест. Суратҷаласаи №10 аз 22.05.2024.

**Мудири кафедраи таърихи фалсафа**
**ва фалсафаи иҷтимоии факултети**
**фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент** **Амирхон Ш.Т.**

**Котиб, м/к.** **Абубакри М.Г.**

**Имзои Амирхон Ш.Т.**
**ва Абубакри М.Г.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**

25.05.2024